# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ). –шаҳри Бохтар, 2025. – 10 с.**

*1.Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*

Омӯзиш ва таҳлили рисолаи мазкур қайд намудан имкон дод, ки мавзуи таҳқиқот ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

*2.Мубрамии мавзуи таҳқиқ.* Мубрамии мавзуи таҳқиқоти Буриев Б. Б. дар он зохир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамуда ба яке аз мавзуҳои ҳалталаби педагогикаи муосир маҳсуб меёбад. Зеро, тавре, ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ изҳор намудааст, олимони асримиёнагии Шарқ, дар рушди илмҳои математика, аз ҷумла, геометрия, арифметика, тригонометрия, астрономия ва дигар фанҳо саҳми назаррас гузошта, осори муаллифони қаблиро ҳифз ва ба дигар забонҳо тарҷума намудаанд.

Мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқро ҳамчун воситаи арзишмандтарин барои баланд бардоштани сифати таълим ва дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани шогирдон истифода кардан мумкин. Он имкон медиҳад, ки дарсҳои математика барои ташаккули тафаккури таҳлилӣ ва эҷодӣ барои хонандагон пурмазмунтар, ҷолибтар ва муфидтар гарданд. Истифодаи супоришҳо, мисолу масъалаҳои мазмуни таърихию фарҳангӣ дошта ба хонандагон кӯмак мекунад, ки аҳамияти математика ва робитаи амиқи онро бо ҳаёти воқеӣ ва рушди фарҳангии инсоният дарк кунанд.

Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши математика тавассути истифодаи дастовардҳои математикони асримиёнагии

Шарқ ин усули самаранокест, ки ба рушди тафаккури эҷодӣ, таваҷҷуҳ ба мавзуъ ва қобилияти ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ равона шудааст.

Ба ақидаи унвонҷӯ принсипҳои асосии истифодаи дастовардҳои математикони асримиёнагии Шарқ дар ҷараёни таълими математика дар мактаб инҳоянд: принсипи пайдарпаии таърихӣ ва фарҳангӣ; принсипи омӯзиши мушкилот; принсипи муносибати байнисоҳавӣ; принсипи визуализатсия ва моделсозӣ; принсипи фардикунонӣ ва фарқият; принсипи фаъолияти тадқиқотӣ; принсипи самти амалӣ; принсипи бисёрсатҳӣ ва марҳилавӣ; принсипи ҳавасмандӣ ва ҷалбнамоӣ; принсипи эҷодкорӣ ва мустақилият.

Истифодаи мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар амалияи таълимӣ ба рушди ҳаматарафаи хонандагон мусоидат мекунад: тафаккури эҷодии онҳоро ташаккул медиҳанд, таваҷҷуҳи маърифатиро ташаккул дода, ҷаҳонбинии онҳоро васеъ мегардонад. Ин равиш таълими анъанавии математикиро ғанӣ мегардонад ва онро шавқовартар ва самаранoктар мегардонад.

Аз ин рӯ қайд кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкурро мубрам арзёбӣ кунем.

*3.Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.*

Навгонии илмии таҳқиқот асоснок аст, зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар рисола:

- мафҳум ва моҳияти қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши математика дар муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ ба таври назариявӣ асоснок карда шудааст;

- усулҳои ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши математика дар муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ муайян карда шудааст;
- модели дидактикии ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ таҳия гардида, ба таври озмоишӣ санҷида шудааст;
- мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ аз нигоҳи таърихӣ ва математикӣ баррасӣ гардида, шароити истифодаи он дар дарсҳои математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шудааст;
- усулҳо ва равишҳои татбиқи мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар таълими математикаи муосири мактабӣ ба таври озмоишӣ санҷида шудааст;
- самаранокии модели дидактикии ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ ба таври озмоишӣ санҷида шудааст;
- барои муаллимони математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон дар дарсҳои математика тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ тавсияҳои методӣ таҳия карда шудааст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳод шуда чунинанд:

– мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ манбаи беназири супоришҳо, усулҳо ва ғояҳоест, ки ба рушди тафаккури эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунанд. Ин мавод воситаи пурқуввате барои ташаккули тафаккур, малакаҳои таҳлилию таҳқиқотӣ ва пеш аз ҳама барои ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аст;

– мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ на танҳо як қисми таърихи илм, балки манбаи бойи дониш аст, ки онро дар раванди

таълими математикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ самаранок истифода бояд бурд. Он имкон медиҳад, ки равишҳои таърихӣ, байнифаннӣ ва фарҳангӣ ба омӯзиш ворид карда шаванд, ки ин ба рушди тафаккури интиқодӣ, таваҷҷуҳ ба математика ва дарки хусусияти глобалии илм дар хонандагон мусоидат карда, боиси ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон мегардад;

– мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ ба хонандагон имкон медиҳад, ки математикаро бо таърих ҳамгиро омӯзанд ва яклухтии оламро ба зудӣ дарк намоянд. Истифодаи мероси математикии ин давр дар дарсҳои математика таваҷҷуҳро ба мавзуъ бештар гардонида, малакаҳои эҷодӣ ва тафаккури интиқодиро инкишоф медиҳад;

– истифодаи мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар дарсҳои математика дорои иқтидори назарраси тарбиявӣ мебошад. Корҳои мутафаккирони барҷаста на танҳо дониши хонандагонро ғанӣ мегардонанд, балки роҳнамои хонандагон дар ҷодаи илмомӯзӣ мегардад;

– модели таҳияшудаи ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар раванди таълим метавонад тавассути: дарсҳои махсус таҳияшуда ва ё курсҳои ҳамгирошуда; фаъолияти берунасинфӣ (маҳфилҳо, озмунҳо, лоиҳаҳо); дастурҳои таълимӣ, маълумотномаҳои таърихӣ амалӣ карда шавад.

*4.Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*

Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи ташаккули таълими математика, педагогика ва психология, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд.

Яке аз самтҳои хуби таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола маводи зиёдеро аз дастовардҳои математикони

асримиёнагии Шарқ овардааст, ки онҳо метавонанд барои ташкили корҳои берунaзсинфӣ аз фанни математика истифода шаванд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф ҳамчун омӯзгор, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

*5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.* Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии кор, се боб, хулосаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Дар боби якум, ки "Асосҳои назариявии ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон дар раванди таълими математика" номгузорӣ шудааст, аз се зербоб иборат мебошад ва дар он мафҳум ва моҳияти қобилияти эҷодии хонандагонзимни омӯзиши математика дар МТМУ, усули ташаккули ин қобилият ва модели дидактикии он тавассути афкори математикии олимони асримиёна баён мегардад.

Боби дуюм "Математикаи Шарқ ва нақши он дар ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши математика", ки аз ду зербоб иборатаст, дар бораи мероси математикии асримиёнаи Шарқ, яъне шарҳи таърихӣ, математикӣ ва истифода, усулҳову роҳҳои татбиқи меросдар таълими математика бахшида шудааст. Дар рисола қайд мегардад, ки истифодаи мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар дарсҳои математика барои баланд бардоштани таваҷҷуҳ ба мавзуъ, таҳкими робитаҳои байнисоҳавӣ ва рушди тафаккури интиқодӣдар хонандагон маводи бой фароҳам меоварад.

Дар боби сеюм, ки “Корҳои таҷрибавӣ оид ба озмоиши модели дидактикии ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ” роҷеъ ба масъалаҳои истифодаи ин мерос ва таҳлили натиҷаҳои ҳосилгардида сухан меравад.

Хулоса аз 8 банд иборат буда, дар он таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста мавзуи диссертатсия ба нақша гирифташуда ҳаллу фасли онҳо ба қадри кофӣ дастёб гаштааст. Аз ҷумла, модели дидактикии таҳиянамудаи ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ таҳия карда шудаанд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти Буриев Б.Б. аз ҷиҳати илмиву амалӣ арзишманд буда, дар он масъалаҳои муҳими ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикӣ олимони асримиёнагии Шарқ бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

*6.Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.*

Дар ҷараёни таҳқиқот муайян карда шуд, ки истифодаи мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ ба рушди қобилияти эҷодии хонандагон мусоидати бештар мекунад. Вазифаҳое, ки ба корҳои олимони ин давр асос ёфтаанд, аз хонандагон талаб мекунанд, ки ба таври ғайримуқаррарӣ муносибат кунанд ва масъалаҳоро тавассути усулҳои гуногуни математикӣ ҳал кунанд;

– ворид кардани заминаи таърихӣ-математикии марбут ба дастовардҳои олимони асримиёнагии Шарқ ба қобилияти фикрронии мантиқии мактаббачагон таъсири мусбат мерасонад. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки сохтор ва мантиқи назарияҳо ва равандҳои математикиро беҳтар дарк кунанд, ки дар навбати худ ба азхудкунии амиқи мавод ва рушди тафаккури таҳлилӣ мусоидат мекунад;

– истифодаи усулҳои математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар таълими математикаи мактабӣ ҳавасмандӣ ва фаъолияти хонандагонро

хеле баланд мебардорад. Дарсҳое, ки ба таҳқиқоти таърихӣ ва математикӣ асос ёфтаанд, ҷолибтар мешаванд, ки ба азхудкунии беҳтари мавод мусоидат мекунанд.

*Арзиши амалии таҳқиқот*:

1.Мафҳум ва моҳияти қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври назариявӣ асоснок карда шудааст.

2. Усулҳои ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шудааст.

3. Модели дидактикӣ ташаккули қобилиятҳои эҷодии тавассути тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ таҳия гардида, ба таври озмоишӣ санҷида шудааст.

4. Мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ аз нигоҳи таърихӣ ва математикӣ баррасӣ гардида, шароити истифодаи он дар дарсҳои математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шудааст.

5. Усулҳо ва равишҳои татбиқи мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар таълими математикаи муосири мактабӣ ба таври озмоишӣ санҷида шудааст.

6. Самаранокии модели дидактикии ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ ба таври озмоишӣ санҷида шудааст.

7. Барои омӯзгорони математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон дар дарсҳои математика тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ тавсияҳои методӣ таҳия карда шудааст.

*7.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмӣ*:

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 34 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

*8.Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.* Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби доданидараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбие рисола, ки дар боло қайд гардид, баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки чунин баён намоем:

1. Сараввал, мафҳуми Шарқ мамолики хело зиёдро дарбар мегирад ва баъдан, агар муҳаққиқ методу восита ва шаклҳои пешқадами ташаккули қобилияти эҷодии хонандагонро дар мисоли таҷрибаи дигар мамлакатҳои Шарқ дар шакли таҳлил ва намуна мисол меовард.

2. Агар дар боби дуюм дар баробари мафҳум ва моҳияти қобилияти эҷодии хонандагон, усули ташаккул ва модели дидактикии он ҳангоми омӯзиши математика дар МТМУ тавассути афкори математикии олимони ин давр таҳлили асарҳо ва андешаҳои муҳаққиқон ва олимони ҷумҳуриҳои ҳамсояро оиди ин раванд дар шароити имрӯзаи кишвар ба таври кофӣ инъикос меёфтанд, арзиши кор боз баланд мешуд.

3.Ба ақидаи мо хуб мебуд, агар муаллиф оид ба истифодаи технологияи педагогии муосирро оид ба ин самт пурратар бо мисолҳои дақиқ шарҳ медод.

4. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ, нуқсҳои услубӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳрируислоҳ мехоҳанд.

Ҳамзамон бояд гуфт, ки ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикӣ олимони асримиёнагии Шарқ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи алгебра ва
геометрияи Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав Сатторов Абдурасул Эшбекович
15 августи соли 2025.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Хатлон, бинои 9, ҳуҷраи 9,
Тел.: (+992) 987-67-57
E-mail: asattorov50@mail.ru

Имзои д.и.п., профессор А.Э. Сатторовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

Суроғаи муассиса:
735140, шаҳри Бохтар, кучаи Айнӣ, 67
Тел.: (+992-83222) 2-54-81
E-mail: bgu-1978@mail.ru
16 августи соли 2025.